ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН
МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ ҶУМҲУРӢ

# МАҶМЎАИ МАВОДИ ИМТИҲОНҲОИ ЗИНАВӢ ВА ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ

## АЗ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК БАРОИ СИНФҲОИ IV, V, VII, IX ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2016-2017 ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

*Мураттиб:*
**Хусрав Ҳамидов,**
**сарметодисти Маркази таълими ҷумҳурӣ**

**Тошканд – 2017**

## ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ IV

## ДИКТАНТ

Дар синфи 4-ум имтиҳонҳои аз синф ба синф гузаронӣ аз фанни забони модарӣ дар шакли диктант гузаронида мешавад. Диктанти назоратӣ дар давоми соли хониш пас аз гузаштани мавзӯъҳои калон, дар охири ҳар як чоряк баргузор мегардад.

Диктанти назоратӣ ба тарзи зерин амалӣ мешавад:

- ❖ омӯзгор диққати донишомӯзонро ба худ ҷалб намуда, онҳоро барои навиштани диктант омода мекунад ва матни диктантро як маротиба ифоданок хонда медиҳад;
- ❖ омӯзгор калимаҳои душворфаҳмро дар тахтаи синф навишта, ба тарзи талаффуз ва қоидаи имлои калимаҳо мухтасар эзоҳ медиҳад;
- ❖ омӯзгор дар тахтаи синф донишомӯзон бошанд, дар дафтарашон санаи рӯз, навъи диктант ва сарлавҳаро аз рӯи тартиб аз сари хат менависанд;
- ❖ ҷумлаҳои дар матн бударо аз ҷиҳати ифодаи мақсад ва ба оҳанги он риоя намудан, ифоданок хондан, дуруст гузоштани аломатҳои китобат, мазмуни матн ва дар тафаккури донишомӯзон ҷой додани аҳамияти тарбиявии он кӯмак мерасонад;
- ❖ омӯзгор ҳар як ҷумларо то се бор, аммо ҷумлаҳои калон ва мураккабро бошад, қисм – қисм бояд хонда диҳад;
- ❖ пас аз навишта шудани диктант омӯзгор матнро бори дигар оҳиста ва бурро мехонад, донишомӯзон дурустии матни навиштаашонро месанҷанд ва пас аз он омӯзгор диктантҳоро ғундошта мегирад;

Пас аз он матни диктант аз ҷониби омӯзгор интихоб ва аз тарафи иттиҳодияи методӣ ва роҳбарияти мактаб тасдиқ карда мешавад. Матнҳои интихобшуда бояд мавзӯъҳои панду ахлоқӣ, Модар-Ватан, забон, китоб, нон, дӯстӣ, ҳунар, воқеаҳои таърихӣ ва мавзӯъҳои барои бачаҳо шавқоварро дар бар гирифта, барои саводнокӣ ва инкишофи ҷаҳонбинии донишомӯзон хизмат кунанд.

Барои навиштани диктант 60 дақиқа (як соати астрономӣ) вақт ҷудо карда мешавад.

## ТАВСИЯҲО БАРОИ НАВИШТАНИ ДИКТАНТ

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим ва асосии чораёни таълим санҷидани дараҷаи дониши донишомӯзон, муайян намудани малака ва маҳорат ва баҳои дуруст додан ба дониши онҳо ба ҳисоб меравад.

Барои муайян намудани саводнокии имлоӣ ва пешгирии хатогиҳои аломати китобат дар навишти донишомӯзон мавқеъ ва ҷои диктант алоҳида аст. Самаранокии диктант дар мавзӯъҳо ва мазмуни он, равшан ва аниқ будани мақсад, инчунин, пайдарпайии метод муайян карда мешавад. Диктант ва мазмуни он ба талаботи меъёрҳои забони адабии тоҷик ҷавобгӯ буда, матни он беш аз ҳама барои донишомӯзон бояд фаҳмо бошад.

Ҳаҷми диктант дар синфи 4-ум 75-80 калимаро дар бар мегирад.

Диктанти назоратӣ – барои баҳо додани дараҷаи тайёрии таълими донишомӯзон аз ҷиҳати системаи рейтингӣ бо чунин элементҳои ДММ санҷида мешавад:

1. Роҳ надодан ба хатогиҳои имлоӣ – иҷро кард
2. Дуруст гузоштани аломатҳои китобатӣ – иҷро кард
3. Ба қоидаҳои аз сатр ба сатр гузаронидани калимаҳо риоя намудан – иҷро кард
4. Ба талабот ҷавоб додани ҳусни хат – иҷро кард

Барои баҳо додан ба корҳои назоратии ҷамъбастӣ ҳар як ДММ қатъи назар аз миқдори онҳо бо 5–хол баҳогузорӣ мешавад. Ҷамъи холҳои элементҳои иҷрошудаи ДММ (дониш, маҳорат ва малака) ба миқдори элементҳои КНСМ (корҳои назорати стандарти маҷбурӣ) тақсим шуда, қимати миёна баровarда мешавад.

Аз рӯи нишондодҳои болоӣ донишомӯз аз кори назорати стандарти маҷбурӣ (КНСМ) агар аз 4-то элементи муайяншудаи ДММ 3-тоаш иҷро шавад, дар он вақт, он 15 холи ҷамъшуда ба 4 тақсим карда шуда, холи ҳаққонии кори назоратӣ бароварда мешавад.

Ҳангоми ба кори назоратӣ баҳо додан қатъи назар аз чандто будани ДММ-и санҷишӣ ҳар яки онҳо бо 5 хол баҳо дода шуда, дар баробари ин холҳои ба кори хаттии донишомӯзон гузошташаванда дар асоси талаботи зерин санҷида мешаванд:

1. Мувофиқи талабот ва қоидаҳои забонӣ навишта шудани диктант.
2. Дуруст ва бомаврид истифода бурдани калима, ибора ва мафҳумҳо.
3. Риоя кардан ба қоидаҳои аз сатр ба сатр гузаронидани калимаҳо.

## МЕЪЁРИ БАҲОГУЗОРӢ БА ДИКТАНТ:

- Ба диктанти беғалат ва дар сурати мавҷудияти як ғалати саҳли имлоӣ ва китобатӣ 5 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ду ғалати имлоию ду ғалати китобатӣ ё ки як имлоию се китобатӣ ва ё чор ғалати китобатӣ дошта бошад ё се ғалати имлоии якхела дошта бошад, дар он маврид 4 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки чор ғалати имлоию чор ғалати китобатӣ, ё се имлоию панҷ китобатӣ ё ҳафт ғалати китобатӣ дошта бошад, дар он вақт 3 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ҳафт ғалати имлоию ҳафт китобатӣ, ё шаш ғалати имлоию ҳашт китобатӣ, панҷ ғалати имлоию нӯҳ китобатӣ, ҳашт ғалати имлоию шаш китобатӣ дошта бошад, 2 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ғалатҳояш аз миқдори ғалатҳои холи 2 зиёд бошад, 1 хол гузошта мешавад.

## НАМУНАИ МАТНҲОИ ДИКТАНТ БАРОИ СИНФИ IV

### ҚАРЗИ ОДАМӢ

Одам, ки ба дунё омад, ақаллан қарзи одамии худро ба ҷо оварда, аввал, фарзандонашро шоистаи давру замон тарбия карда, ба камол расонад, то ки номи падар ба туфайли онҳо ба хубӣ ёд карда шавад, то ки баъд аз сари худ ҷойнишинони сазовор бимонад; сониян, ба қадри қуввату қобилияти худ заминро оро диҳад, яъне дарахт шинонад, то ки аз меваи он мардумон баҳравар шаванд ва, агар илоҷи ину онро дошта бошад, китобе таълиф кунад, ки дар дилҳои мардум чароғи маърифат биафрӯзад. (М.Н.), 80 калима.

### БАРФИ ОХИРИН

Баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ ҳаво тамоман торик шуд. Буғҳои майдаи сафед якбора ҳаворо фаро гирифтанд. Аз як тараф шамоли хунуки сахт хеста, абрҳоро ба ҳар сӯ бурд. Абрҳо ба борон мубаддал шуда, зуд-зуд ба заррахои барф иваз шудан гирифтанд. Пас аз фурсате рӯйи замин сафед шуд. Аз ин суръати боридани барф гумон кардам, ки дар як шабонарӯз ғафсии ӯ аз якуним метр зиёд мешавад. Лекин баъди ним соат боридани барф суст шуд ва муддате нагузашта, ҳаво соф ва беғубор шуд. (М. Горкий), 80 калима.

### ТАЪСИРИ ТАНБЕҲ

Ин танбеҳи падарам барои ман як таъсири бисёр фоидаманд шуд, ки дар ҳаётам таъсири калон кард ва маро ба диққаткорӣ тарбия намуд: фаромӯш накардани гапҳо, ҳодисаҳо, чизҳо ва одамҳоро ба ман ёд дод. Ман шеърҳоро ҳарчанд махсусан, ёд кунам ҳам, зуд аз ёд мебарорам, ҳатто шеърҳои худамро ҳам дар рӯзи дуюми гуфта шудани онҳо фаромӯш мекунам. Аммо гапҳо, ҳодисаҳову хотираҳоеро, ки ба ман каму беш таъсир карда бошанд, аз ёд набаровардаам. Хотираҳои пештара қариб ҳамагӣ дар ёдам нақш баста мондаанд. (С.А.), 80 калима.

## АДАБИЁТИ ТОҶИК БАРОИ СИНФИ V
## ШИФОҲӢ

Имтиҳони зинавӣ дар синфи 5-ум аз фанни адабиёт ба тарзи шифоҳӣ (даҳонӣ) гузаронида мешавад.

Дар Стандарти давлатии таълим донишомӯзони синфи 5-ум барои азхуд намудани ДММ зарурӣ бояд ба чунин шартҳо риоя намоянд:

- матнро бо роҳбарии омӯзгор дар синф хонда, дар якҷоягӣ муҳокима кардан;
- матнро мустақил омӯхта азхуд намудан, инчунин, матни ношиносро дар як дақиқа 100–110 калима бо суръат хонда тавонистан;
- матни ношиносро овоз набароварда, дар 1 дақиқа 150-170 калима бо суръат хонда тавонистан;
- ҳар як калимаи матни бадеиро ба меъёрҳои адабиётшиносӣ риоя намуда, аз рӯи эҳтиёт овозро пасттар, баландтар намуда ифоданок хонда тавонистан;
- баён карда тавонистани мазмуни матн;
- ба қаҳрамонҳои асар муносибат баён карда тавонистан;
- дар асари бадеӣ воқеаи асосии тасвирёфта ва муносибати қаҳрамонро баён намудан;
- доир ба жанрҳои адабӣ ва санъатҳои бадеӣ таассурот доштан;
- 6-7 асареро, ки дар барномаи омӯзишӣ барои аз ёд намудан тавсия шудааст, омӯхтан.

Саволҳое, ки барои имтиҳонҳои даҳонӣ пешниҳод шудааст, дар асоси аз асарҳои омӯхташуда ва шеърҳои дар мавзӯъҳои гузашта ёд кардаи донишомӯзон тартиб дода шудааст. Бояд донишомӯзон аз рӯи саволномаи интихобкардаашон ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

Миқдори унсурҳои ДММ 5-то, холи стандартии назоратӣ 5 мебошад.

### МЕЪЁРИ БАҲОГУЗОРӢ БА САВОЛҲОИ ШИФОҲӢ

Имтиҳони даҳонӣ ба таври зер баҳогузорӣ мешавад. Ҳангоми ба саволҳои шифоҳӣ ҷавоб додан барои муайян намудани ДММ аз рӯи ҷавобҳои донишомӯз фоизи он бароварда мешавад.

Барои баҳо додан ба имтиҳонҳои даҳонӣ аз чунин элементҳои ДММ истифода мебаранд:

1. Ба мукаммалӣ ва дурустии ҷавоб ;
2. Ба дараҷаи фаҳмиш ва фикрҳои бо далелҳо овардашуда;
3. Аниқ, равшан ва равонии тарзи баён;
4. Фикри мустақил ва озод баёншуда нисбати асар ва қаҳрамонони он;
5. Ба маҳорати дарккунии воқеаи асар ва нутқи шифоҳӣ.

Дар ҳар як банди иҷро аз рӯи ҷавоби донишомӯзон мувофиқи талаботи поёнӣ ба ДММ аз 5 то 1 хол ва ба банди иҷронашуда бошад, 0 хол гузошта мешавад.

| Тҷр | ХОЛҲОИ ГИРИФТАШУДА | Хол |
|---|---|---|
| **1.** | Агар ба ду саволи додашуда пурра ва бехато ҷавоб дода, онро бо мисол ва далелҳо собит карда тавонад, нутқ ва фикри мустақилона дошта бошад | **5** |

| | | |
|---|---|---|
| **2.** | Агар аз ду савол якеашро пурра ва бехато ҷавоб дода, саволи дигарро на ба дараҷаи саволи якум ҷавоб дода, ба ҳар ду савол мисол ва далелҳо оварда тавонад, фикри мустақил дошта бошад | **4** |
| **3.** | Оиди саволҳо таассурот дошта, ба онҳо мисол ва далелҳо оварда натавонад, фикри худро мустақилона баён карда натавонад | **3** |
| **4.** | Оиди саволҳо умуман таассурот надошта бошад ва фикри худро баён карда натавонад | **2** |
| **5.** | Ҷавоби донишомӯз аз холи 2 ҳам паст бошад. | **1** |

## НАМУНАИ САВОЛҲОИ ШИФОҲӢ АЗ АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ V

### Саволномаи №1
1. Чистон чӣ гуна жанр аст?
2. Ривоятҳо дар бораи Сино гӯед.

### Саволномаи №2
1. Дар бораи жанри афсона маълумот диҳед.
2. Чанд ҳадис гӯед.

### Саволномаи №3
1. Жанрҳои ҷинси лирикаро номбар кунед.
2. Достони “Эраҷи тилисмшикан”-ро нақл кунед.

### Саволномаи №4
1. Дар бораи “Бачаи шум” ном қиссаи Ғафур Ғулом фикратонро гӯед.
2. Ҳикояти “Заргар ва наҷҷор”-и Авфиро нақл кунед.

### Саволномаи №5
1. Дар бораи суруди “Шӯриши Восеъ” маълумот диҳед.
2. Чанд байт аз “Чаҳор китоб” азёд гӯед.

### Саволномаи №6
1. Маълумот оиди асари “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ.
2. Аз Эраҷ Мирзо дар бораи модар шеър қироат кунед.

### Саволномаи № 7
1. Ғояи асари бадеӣ чист?
2. Нақл кардани афсонаи “Духтари подшоҳ”.

### Саволномаи №8
1. Дар бораи санъатҳои бадеӣ чиҳо медонед?
2. Шеъри “Нони гарм”-и У. Раҷабро аз ёд гӯед.

### Саволномаи №9
1. Зиндагинома ва асарҳои Ибни Синоро гуфта диҳед.
2. Дар бораи Ҳадис маълумот диҳад.

### Саволномаи №10
1. Дар хусуси асарҳои Чингиз Айтматов чӣ медонед?
2. Аз “Зафарнома”-и Сино чиҳо медонед?

### Саволномаи №11
1. Дар бораи Адаш Истад маълумот диҳед.

2. Чанд латифа гӯед.

**Саволномаи № 12**

1. Фарқияти зарбулмасалро аз мақол гуфта диҳед.
2. Як шеър аз ёд гуфтан аз Ҷомӣ.

**Саволномаи № 13**

1. Дар адабиёти тоҷик чанд намуди вазн аст? Шеъри ҳиҷоӣ аз шеъри арӯзӣ бо чӣ фарқ мекунад?
2. Чанд шеър аз Лоиқ гӯед.

**Саволномаи № 14**

1. Маълумот оиди “Зафарнома”-и Ибни Сино.
2.Чанд чистон гуфта, аҳамияти чистонкобиро зикр кардан.

**Саволномаи № 15**

1. Дар бораи асарҳои назмиву насрии Носири Хусрав маълумот диҳед.
2. Нақл ва бардошти худро гуфтан аз ҳикояти “Марди сайёҳ”-и Кошифӣ.

**Саволномаи № 16**

1. Муболиға чӣ гуна санъат аст? Мисол овардан.
2. Оиди асари “Хамсат-ул-мутаҳаййирин” чиҳо медонед?

**Саволномаи № 17**

1. Аз ҳаёт ва фаъолияти адабии Убайд Раҷаб нақл кунед.
2. Аз ёд хондан ва таҳлили шеъри “Гили хушбӯй”-и Саъдӣ.

**Саволномаи № 18**

1. Фаҳмондани фарқияти афсона аз латифа.
2. Ривоятҳо гуфтан дар бораи Луқмони Ҳаким.

**Саволномаи № 19**

1. Латифа чӣ гуна жанр аст?
2. Гуфтани ривоят ва қитъаҳо аз “Баҳористон”.

**Саволномаи № 20**

1. Маълумот оиди  У. Зоконӣ, муайян кардани равияи эҷодии ӯ.
2. Чанд байти ахлоқӣ азёд гуфтан.

**Саволномаи № 21**

1. Қофия аз радиф бо чӣ фарқ мекунад?
2. Қироати шеъри “Насиҳати модар”-и Лоиқ.

**Саволномаи № 22**

1. Чингиз Айтматов ва фаъолияти эҷодии ӯ.
2.  Нақл кардани ҳикоятҳо аз “Гулистон” ҳамроҳ бо порчаҳои шеърии он.

**Саволномаи № 23**

1. Асарҳои Имом Бухориро номбар карда, аҳамияти онҳоро гуфта диҳед.
2. Латифаҳо гуфтан дар бораи Насриддин Афандй.

**Саволномаи № 24**

1. Таҳлили достони “Беҳрӯзу Баҳром”.
2. Як ҳикоят аз “Гулистон”-и Саъдй нақл карда, оиди он бардошти худро гуфтан.

**Саволномаи № 25**

1. Дар бораи “Қобуснома” маълумот диҳед.
2. “Момогавазни чанбаршох”-и Ч. Айтматовро нақл кунед.

**Саволномаи № 26**

1.Ҷинсҳои адабӣ чанд тоанд, фарқияти онҳо дар чист?
2. Порчае аз қиссаи “Бачаи шум”-и Ғ. Ғулом нақл кунед.

**Саволномаи № 27**

1. Муайян кардани асарҳои навиштаи Аминҷон Шукӯҳӣ.
2. Характери бадеӣ чист?

**Саволномаи № 28**

1. Асарҳои Лоиқро бо тартиб номбар карда, соли нашри онҳоро майян кунед.
2. Сурудҳои алла чӣ аҳамият доранд? Чаро ин гуна сурудҳо зиёданд?

**Саволномаи № 29**

1. Маълумот оиди ҳаёт ва осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ.
2. Чанд ҳикоят аз "Қобуснома" гӯед.

**Саволномаи № 30**

1. Муҳаммад Авфӣ чӣ гуна асарҳо навиштааст?
2. Чанд шугун аз китоб гуфтан. Дар маҳалли шумо низ шугунҳо ҳастанд?

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ VII

## ДИКТАНТ

Ба мисли синфи 4 дар синфи 7 низ имтиҳонҳои зинавӣ аз фанни забони тоҷикӣ дар шакли диктант гузаронида мешавад. Дар ҳар ду синф тарзи гирифтани диктант, меъёри баҳогузорӣ қариб як хел буда, мавзӯъ ва миқдори калимаҳои матнҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Дар синфи 7-ум низ матни диктант аз ҷониби омӯзгор интихоб ва аз тарафи иттиҳодияи методӣ ва роҳбарияти мактаб тасдиқ карда мешавад. Матнҳои интихобшуда бояд мавзӯъҳои панду ахлоқ, Ватан, забон, китоб, дӯстӣ, ҳунар ва ғайраҳоро дар бар гирифта, барои саводнокӣ ва инкишофи ҷаҳонбинии донишомӯзон хизмат намоянд.

Барои навиштани диктант 60 дақиқа (як соати астрономӣ) вақт ҷудо карда мешавад. Диктант ва мазмуни он бояд ба талаботи меъёрҳои забони адабии тоҷик ҷавобгӯ ва матни он, пеш аз ҳама, барои донишомӯзон фаҳмо бошад. Ҳаҷми диктант дар синфи 7-ум 110-125-то калимаро дар бар мегирад.

**Диктант дар асоси чунин меъёрҳои баҳогузорӣ санҷида мешавад:**

- Ба диктанти беғалат ва дар сурати мавҷудияти як ғалати сахли имлоӣ ва китобатӣ дар он, 5 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ду ғалати имлоӣ ва ду ғалати китобатӣ, як имлоию се-чор ғалати китобатӣ, ё се ғалати имлоии якхела дошта бошад, 4 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки чор ғалати имлоию чор ғалати китобатӣ, се имлоию панҷ китобатӣ ё ҳафт ғалати китобатӣ дошта бошад, 3 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ҳафт ғалати имлоию ҳафт китобатӣ, шаш ғалати имлоию ҳашт китобатӣ, панҷ ғалати имлоию нӯҳ китобатӣ ё ҳашт ғалати имлоию шаш китобатӣ дошта бошад, 2 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ғалатҳояш аз миқдори ғалатҳои 2 хол зиёд бошад, 1 хол гузошта мешавад.

**Ёдоварӣ:**

1. Ҳангоми баҳогузорӣ қатъи назар аз гуногунии хатоҳои мавҷудаи диктант асосан, миқдори хатоҳои имлоӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.
2. Агар миқдори ислоҳҳои дар диктант буда аз 5-то зиёд бошад , баҳо 1 хол паст карда мешавад.

**Эзоҳ**: Донишомӯз кори хаттиро (дар диктант, нақли хаттӣ ва иншо) мутлақо бехато нависад, аммо ҳусни хаташ ба талабот ҷавобгӯ набошад, дар натиҷа 1 хол паст карда мешавад.

# НАМУНАИ МАТНҲОИ ДИКТАНТ БАРОИ СИНФИ VII

## ҚАДРИ МЕҲНАТИ ДИГАРОН

Боре дигар дар чойхона шоҳиди чунин ҳодиса шудам.

Як ронанда, ки мӯзааш ба хокаи ангишт ғӯтида буд, бе пӯшт-пӯшт рост ба пешгаҳи чойхона баромада нишаст. Дар рӯйи палоси чойхона, ки як рӯз пеш Қосимҷон ду-се соати дароз овора шуда, дар оби дарёча шуста буд, доғҳои калон-калони сиёҳ боқӣ монд.

Қосимҷон сӯхта ба ронанда гуфт, ки пояшро тоза карда барояд, намешавад?

Аммо ронанда ба ҷойи он ки аз кори кардааш шарм дорад, баръакс, дӯғ зада, Қосимҷонро “бекорхӯҷа” ва “ҳаромхӯр” – гуфт ва дар охири гапаш дашноми қабеҳе дод.

Ман мунтазир будам, ки Қосимҷон ҳам муносиби гапҳои ноҳақи ӯ ягон ҷавоби сахт медиҳад. Аммо ӯ танҳо гуфт, ки: “Хайр, ако, чӣ гӯед, гуфтан гиред”. (П.Т.), 112 калима.

## ПАДАРАМ

Падарам то синни чиҳилсолагиаш полвон (паҳлавон) будааст. Вай қадбаланд, қоматаш рост, ришаш сип-сиёҳ, пӯсти рӯяш сиёҳтоб, нигоҳи тези чашмонаш андак қаҳролуд буд. Дастони сахти пурқувват дошт. Поҳои бисёр калонашро бешитоб вазнин-вазнин монда, роҳ мерафт. Вай гӯштингириро кайҳо партофта бошад ҳам, аммо ба ивази он ба ману бародарам Азимхон аз полвонии пештараи худ ҳикояҳо мекард. Ва ҳар дафъа дар охири ҳикояташ бо ифтихор:

- Пушти падаратон ба замин расидагӣ не!-гуфта мемонд.

Мо ҳикояти ӯро дар бораи гӯштин гирифтанаш бо Амон ном полвони машҳури шоён бо шавқи махсусе гӯш мекардем. Назар ба гуфти падарам, гарчанде вай пеш аз Амон якчанд полвонҳои номиро ғалтонда ва лақаби “полвон” ба номаш илова шуда бошад ҳам, лекин худашро танҳо пас аз зӯрозмоӣ карданаш бо Амон полвони ҳақиқӣ ҳисоб мекардагӣ шудааст. (С.У.), 125 калима.

## ХОНАИ ДИЛОРОМКАМПИР

Дар хонаи панҷболор, ки ду дар дошту тиреза надошт, Диломкампир ва набераащ истиқомат мекарданд. Дар он ҳавлӣ ба ғайр аз хонаи мазкур боз як хоначае буд, ки гӯё барои ошхона, ҳезумхона ва анбор сохта шуда буд, аммо аз мӯрии он ошхона ҳафтае як бор дуд мебаромад ё не ва дар он анбор на халтаи орд буду на халтаи биринҷ, фақат баъзе майда-чуйдаҳо, ба мисли яхдони куҳнаи даридагӣ, як кӯза ва як хуми сафолин, як дегча, як самовор ва як офтобаи чӯянӣ буду бас. Дар хона палоси казоӣ ҳам набуд. Як-ду шолпора, дар пеши дари боло як-ду кӯрпа ва кӯрпачаҳои ямоқин – бистари хоби кампир буд. Лекин бо вуҷуди он, хона ба назар озода, равшан ва босафо менамуд. (Ҷ.И.), 116 калима.

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ IX
## НАҚЛИ ХАТТӢ

Мақсад аз таълими забони тоҷикӣ ба камол расондани шахси аз ҷиҳати иҷтимоӣ мукаммал ташаккулёфта, мустақил фикркунанда, маданияти нутқ ва мулоқоташ инкишофёфта ва босавод мебошад. Дар натиҷаи таълими забони тоҷикӣ дониш, маҳорат ва малакаи донишомӯзон дар асоси нишондоди стандартии се андозагӣ санҷида ва муайян карда мешавад. Малакаи фикрро ба таври хаттӣ баён кардан яке аз ҷараёнҳои мураккаб буда, мақсади таълими забони тоҷикӣ ба ҳамин андоза таҷассум меёбад. Ҳангоми аз худ кардани маҳорат ва малакаи донишомӯзон дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ дар матни ӯ тартибдода акси худро меёбад. Дар синфи 9-ум нишондоди асосӣ чунин аст, ки фикрро мантиқан пай дар пай аз имкониятҳои васеъи забон истифода бурда, малакаи равон ва дурустбаёнкунӣ, вусъат ва амиқии дониши донишомӯз ва тарзи баёни фикри ӯ оиди мавзӯъ ва бо дараҷаи саводнокии имлоӣ (талаффуз) ва услубии матни тартибдода муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз хатмкунандагони синфи 9–ум аз фанни забони тоҷикӣ дар аттестатсияи ҷамъбастӣ нақли хаттӣ менависанд.

Нақли хаттӣ яке аз навъҳои мураккаби таълими баён аст. Нақли хаттӣ аз ҷиҳати эҷодкорона майл намудани донишомӯз ба мазмуни матни интихобшуда аз дигар навъҳои баён фарқ мекунад.

Дар баёни мавзӯъҳо бештар масъалаҳои бадеӣ ва маънавию маърифатӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, навгониҳои фан ва техника ва вобастагиҳои байни фанҳо дар мадди назар қарор мегиранд.

Донишомӯзон аз навъҳои зерин истифода бурда, нақли хаттӣ менависанд:

- Дар матн аз воситаҳои тасвири бадеӣ истифода бурда, нақли хаттӣ навиштан;
- Матни тайёрро дар асоси фикру мулоҳизаи худ давом додан;
- Шахси матнро дигар карда, нақли хаттӣ навиштан;
- Навиштани нақли хаттии дорои супориши грамматикӣ;

Дар ҷараёни навиштани нақли хаттӣ донишомӯзон ба чунинҳо меъёрҳо бояд эътибор диҳанд:

- мазмун ва моҳияти матнро дуруст дарк карда, дар бораи чӣ навиштанро донистан;
- оиди мавзӯи матн маълумотҳоро ба хотир овардан;
- нақшаи матнро тартиб додан;
- дар асоси нақша фикрҳои асосиро барои равшан ва пай дар пай баён кардан муваффақ шудан;
- ҳодиса ва воқеаҳои дар матн бударо дар ҳолати мушоҳидакорӣ тасвир кардан;
- барои фикру мулоҳизаҳои худро оиди мавзӯъ навиштан муваффақ гардидан;
- ҳангоми навиштани ҷумла ба равонии услуб, дурустии имло эътибор додан;
- пас аз тайёр шудани нусхаи сиёҳнависи нақли хаттӣ, бори дигар хонда баромадан;
- кори хаттии тайёрро сафеднавис кардан.

Матнҳои баён дар 3 вариант тайёр карда мешавад. Дар ҳар як вариант яктогӣ матн дода шуда, дар баробари ҳар як матн ба яке аз навъҳои он барои навиштани нақли хаттӣ супориш дода мешавад. Донишомӯз аз 3 вариант (лифофа) яктоашро интихоб мекунад. Мавзӯи матни даруни лифофаи интихобшуда ба тахтаи синф навишта мешавад. Супориши ба нақли хаттӣ додашуда ҳам ба тахтаи синф дарҷ мегардад. Матни баёни эҷодиро омӯзгор як маротиба (агар зарур бошад, ду маротиба) хонда медиҳад. Донишомӯзон дар бораи матни шунидаашон дар асоси супоришҳои додашуда нақли хаттӣ менависанд. Ҳаҷми нақли хаттӣ аз 3,5 саҳифа бояд кам набошад. Барои навиштани нақли хаттӣ 2 соати астрономӣ вақт дода мешавад.

Матнҳои нақли хаттӣ аз ҷониби омӯзгор интихоб ва дар иттиҳодияи методии мактаб муҳокима гардида, пас мақбул дониста мешавад. Маводҳои қабулшуда аз ҷониби роҳбарияти мактаб тасдиқ мегарданд. Дар синфҳои 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ дараҷаи тайёрии таълимии донишомӯзон аз рӯи баҳодиҳии системаи рейтингӣ дар асоси элементҳои умумигардонидашудаи зерини ДММ нақли хаттӣ санҷида ва баҳогузорӣ мешавад:

- барои дар асоси нақша пурра ва пай дар пай навишта шудани нақли хаттӣ - 1,5 хол;
- барои бамавқеъ истифода бурдани калима, ибора ва мафҳумҳои фразеологӣ - 1 хол;
- барои пурра кардани матн бо ғоя ва фикрҳои иловагӣ - 0,5 хол;
- барои мустақил ва эҷодкорона баён кардан -1 хол;
- барои дуруст гузоштани аломатҳои китобатӣ ва роҳ надодан ба хатогиҳои имлоӣ - 0,5 хол;
- барои ба талабот ҷавоб додани услуб ва хусни хат - 0,5 хол.

Холҳо ҷамъ карда шуда, дар натиҷа холи миёна бароварда мешавад.

# НАМУНАИ МАТНҲОИ НАҚЛИ ХАТТӢ
# БАРОИ СИНФИ IX

## АЗМ ВА ДАЛЕРӢ

Ду рафиқ, ки яке Салим ном дошт ва дигаре Ғоним, дар роҳе мерафтанд ва бо рафоқати якдигар манзилҳо тай мекарданд. Гузари онҳо ба домани кӯҳе афтод, ки қуллаи он ба бурҷи фалак мерасид. Дар пойи он кӯҳ чашмаи мусаффое буд. Дар пеши чашма ҳавзи бузург сохта, гирдогирди он дарахтони соядор сар дар сар оварда буданд.

... Ногоҳ дар канори ҳавз, аз он сӯ, ки об меомад, санги сафеде диданд, ки бо хати сабз бар вай навишта шуда буд: "Эй мусофир, ба ин манзил, ки расидӣ, бидон, ки мо барои меҳмон беҳтарин нуқл кардаем. Вале шарт он аст, ки аз баҳри сар гузашта, пой бар ин чашма бинеҳ ва аз хатари гулобу ҳавли ғарқоб андеша нанамуда, худро ба канор биандоз, шере, ки аз санг тарошида дар пойи кӯҳ ниҳодаанд, ба дӯнг бардошта, беист ба як давидан худро ба болои кӯҳ бирасон. Чун ин роҳ тамом шуд, дарахти мақсуд ба бар хоҳад омад".

Баъд аз хондани ин хат Ғоним ба Салим рӯй оварда гуфт:

-Эй бародар, биё, ки ба ин майдони мубориза дароем ва ин тилисмро бикшоем.

Салим гуфт:-Эй ёри азиз, баробари хондани ин хат, ки нависандаи он маълум нест, ба чунин хатари азим пой ниҳодан манфиате надорад ва далели ҷаҳолат аст. Ҳеҷ оқил дониста, заҳр намехӯрад, ҳеҷ хирадманд меҳнати нақдро барои роҳати насия қабул намефармояд.

Ғоним гуфт:-Марди ҳимматпеша то пояи баланд ба даст наорад, аз роҳи талаб барнагардад...

Салим гуфт:-Дар роҳе, ки поён надорад, қадам задан ва дар баҳре, ки соҳилаш падид нест, шино намудан аз тариқи хирадмандӣ дур менамояд...

Ман дар ин муомила ба ту ҳамроҳ нестам ва туро низ аз ин кор манъ мекунам.

Ғоним гуфт:-Аз ин сухан даргузар, ки ман ба қавли касе аз азимати худ барнагардам...

Салим донист, ки ӯ дар қарори худ якрав аст, гуфт:

-Эй бародар, мебинам, ки ту ба сухани ман тарки ин кори нокарданӣ мекунӣ. Ман тоқати мушоҳидаи ин ҳолат надорам.

Пас боре, ки дошт, бардошта, бо ёри худ видоъ намуд ва рӯй ба роҳ овард.

Пас бо азми устувор қадам дар чашма ниҳод. Ғоним донист, ки он чашма гирдоби балост, аммо дил қавӣ дошта, бо шиноварӣ ба соҳили наҷот расид ва ба канори об омада, нафас рост карда, шери сангиро ба пушт кашид. Ҳазор гуна заҳматро қабул намуда, ба як давидан ба сари кӯҳ расонд. Дар он тарафи кӯҳ шаҳри бузурге дид, ки ҳавои хуш ва фазои дилкаш дошт. Ғоним болои кӯҳ қарор гирифта, ба ҷониби шаҳр назар мекард, ки ногаҳ аз он шери сангӣ овози сахте баромад, ки ларза дар куҳу саҳро афтод. Он садо ба шаҳр

расид ва мардуми бисёр аз ҳар тараф берун омаданд ва рӯй ба кӯҳ ниҳода, ҷониби Ғоним меомаданд.

Ғоним ба дидаи ҳайрат менигарист ва аз ҳуҷуми халоиқ тааҷҷуб менамуд. Ногоҳ ҷамъи аъёну ашроф расида, расми дуову сано ба ҷо оварданд ва ба илтимоси тамом ӯро ба маркаб савор карда, ба ҷониби шаҳр бурданд, сару танашро ба гулобу кофур шуста, ҷомаҳои подшоҳона пӯшонданд. Ба эъзозу икром ихтиёри салтанати он вилоятро ба дасти ӯ доданд.

Ғоним донист, ки кашидани он ҳама меҳнатҳо ба тақозои давлат будааст. (В.К.).

## РИШДАРОЗИ АҲМАҚ

Аз Хоҷаисмоили Ҳисорӣ нақл мекунанд, ки ӯ дар баландии қомат ва дарозии риш дар олам алам буд ва риши дарози ӯ бар сари қоматбаландаш, монанди думи қутосе менамуд, ки бар сари дастаи байрақ баста бошанд. Ӯ шабе китоберо мутолиа мекард, дар як ҷойи он китоб баромад, ки "риши дароз ва қомати баланд аломати аҳмақӣ аст". Ӯ худ ба худ аз аломати аҳмақии худ дар хиҷолат афтод ва дар дили худ гуфт: "Риши дарозам бо қомати баландам дар назари мардум ба аҳмақии ман гувоҳӣ медиҳанд. Ҳарчанд қоматро кӯтоҳ карда наметавонам, метавонам, ки қисме аз ришамро нест кунам, то ки як шоҳиди содиқи аҳмақиам барҳам хӯрад. Дар он сурат бо як шоҳид – қомати баланд, дар пеши маҳкамаи адолат аз рӯйи шариат чизе собит намешавад".

Хоҷаисмоил, бо ин мулоҳиза хост, ки нимаи риши худро бурида нест кунад. Аммо ҳарчанд ҷустуҷӯ кард, дар хона теғе ё қайчие ёфт нашуд. Лекин ӯ мехост, ҳар чи зудтар худро аз ин гувоҳи аҳмақии худ халос кунад. Ноҷор аз бехи риши худ як қабзаро, ки барои зеби ҷамол нигоҳ доштан мехост, бо мушти худ маҳкам дошт ва зиёдатии як қабзаро, ки нест кардани вайро лозим медонист, ба болои шуълаи шамъ овард, то ки вайро сӯхта аз дунё нест кунад.

Рише, ки ҳамеша бо равған ва хушбӯиҳо тарбият ёфта буд, бо расидани оташ монанди ҳезуми саланг якбора даргирифт. Чун шуълаи оташ ба мушти дасти Хоҷа расид, ба сӯзиши вай тоб наоварда, беихтиёр ришро сар дода, дастро аз оташ дур кашид. Оташ монанди он ки ба найистони хушкида расида бошад, дар як лаҳза дар бехи риш, ки равғанхӯрда шуда буд, давид ва дар як чашм пӯшида кушодан тамоми ришро бо мӯйлабу мижгону абрӯ сӯхта, монанди мӯрчаи дар оташ партшуда гардонид.

Чун Хоҷа рӯйи худро ба муқобили оина оварда дид, ӯ худ ба худ хандид ва дар дили худ гуфт: "Ин коре, ки ман кардам, аҳмақиамро ҳатто дар пеши худам ҳам исбот кард" ва дарҳол қаламро гирифта ва давотро пеш кашида, дар ҳошияи он китоб, дар баробари "риши дароз ва қомати баланд аломати аҳмақӣ аст" ин суханҳоро қайд кард: "Мо озмудем ва таҷриба карда дидем, ки ин сухан ҳақ аст ва рост аст ва бояд ҳеҷ офаридае дар ин бора ба

шакку шубҳа наафтад, вагарна монанди фақир ришу мӯйлабу абрӯю мижгонаш тамоман хоҳад сӯхт. Хоҷаисмоили Ҳисорӣ”. (З.В.)

## БАҲОНАЕ БАС

Овардаанд, ки дар асрҳои гузашта ва замонҳои рафта марде хост, ки ҷамоатеро зиёфат кунад, чунонки лоиқи дӯстони мувофиқ ва рафиқони содиқ бошад ва андар он даъват такаллуфу дабдаба, ки расм шудааст, ба ҷой орад.

Пас канизакро ба талаби шир ба бозор фиристод. Канизак зар бидод ва шир бихарид ва зарфе, ки шир дар вай буд, саркушода бар сар ниҳод ва рӯй бар хона овард. Иттифоқо, лаклаке море дар даҳон гирифта, дар фазои ҳаво бар болои он зарф бар самти шир бигузашт ва қатрае чанд заҳри кушанда аз оби даҳони афъӣ дар шир афтод ва ҳеҷ кас бар он хабару вуқуф наёфт...

Канзиак шир ба ошхона овард ва аз он ширбиринҷ сохтанд ва чун анвои таомҳову хелҳои ғизоҳо пеши меҳмон бурданд ва аз ҳар як тановуле карданд, чун навбат ба ширбиринҷ расид, ҳар кӣ як луқма ба кор бурд, бияфтод ва ҷон бидод.

Акнун дар ин кор ҷиноят киро бувад ва ҷурм аз ҷониби кӣ афтод ва сазовори ҷазову сарзаниш кӣ бошад?

Яке гуфт:

-Гуноҳ канизакро бувад, ки шарти эҳтиёт ба ҷой наёвард ва шири саркушода бар сар ниҳод, то луоби (оби даҳон) афъӣ дар вай афтод.

Дигаре гуфт:

- Ин ҷиноят лаклак содир кардааст ва ҳалоки ин ҷамоатро сабаб ӯ будааст, ки афъиро бар самти шир гузаронид, то захр дар вай чакид ва воситаҳои ҳалоки қавме гашт.

Дигаре гуфт:

-Сабаби нобуд гардидани мардум захри афъист, ки барои миронидани шахсҳову баровардани ҷонҳо офарида шудааст ва зарару зиёни халқ дар вай таркиб ёфта.

Дигаре гуфт:

-Гуноҳ аз соҳиби зиёфат аст, ки чошнӣ нафармуд ва миёни зараргору безарар фарқ накард.

Шоҳзода гуфт:

- Дар ин воқеа ҳеҷ кас гунаҳкор нест. Ва ҳодисаҳои осмониву фалакиро баҳонае бас бувад (аз “Ҳаким Синдбод”).